**Тақриз**

**ба диссертатсия ва фишурдаи Нурова Зведамо Сафаровна дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-грамматикии истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Пас аз ба даст овардани истиқлолияти миллӣ равобити Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷи дуру наздик рушд намуда, боиси воридшавии як миқдор луғоту истилоҳот гардид. Падидаи мазкур забоншиносону истилоҳшиносонро водор месохт, ки барои дуруст ба роҳ мондани равобити ҳамаҷониба луғоту истилоҳоти соҳаҳои мухталиф таҳқиқ гардида, вижагиҳои умумӣ, тафовут ва шабоҳати онҳо муайян карда шаванд. Яке аз соҳаҳое, ки то ба имрӯз низоми истилоҳоти он аз нигоҳи муқоисаву муқобала мавриди омӯзишу таҳлил қарор нагирифтааст, забоншиносӣ ба шумор рафта, диссертатсияи Нурова З.С. як саҳифаи наверо дар ин бахш мемонад.

Муаллифи диссертатсия, нахуст, андешаҳояшро аз мубрамияту зарурати пажуҳиши мавзуъ оғоз намуда, аз он рисолаву мақолоте, ки то ба имрӯз дар атрофи таҳқиқоти мазкур ба анҷом расидааст, ёдовар мешавад, ки ин тарзу шеваи таҳлил аз он гувоҳӣ медиҳад, ки муҳаққиқ мавзуро хуб медонад.

Диссертатсия аз рӯйи мазмуну муҳтаво, мундариҷа ба ихтисоси **10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ** комилан мувофиқат менамояд.

Саҳми фардии муаллиф дар он зоҳир мегардад, ки дар диссертатсия бори аввал хусусиятҳои сохториву маъноӣ ва луғавии истилоҳоти забоншиносии ду забони гуногуннизому гуногунсохтор: тоҷикӣ ва олмонӣ бо як тартибу низоми муайяну мушаххас бар мабнои усули муқоисаву омор таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Як нуктаро бояд ёдовар шуд, ки муаллиф дар барорбари таълифи диссертатсия, ҳамзамон роҷеъ ба пажуҳиши анҷомёфта 22 мақолаи илмӣ, як китоби дарсӣ ва се фарҳанг ба нашр расонидааст. Диссертатсияи мазкур аз аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ орӣ набуда, барои хондани курсҳои «Типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ», «Луғатшиносӣ», «Луғатнигорӣ» ва «Амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттии забони олмонӣ» дар факултетҳои забонҳои хориҷии кишвар метавонад мусоидат кунад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замима иборат аст.

Дар **муқаддима**и рисола тамоми рукнҳои тибқи низомнома муқарраршударо матраҳ намудааст. Дар он, пеш аз ҳама, мубрамии мавзуи таҳқиқ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он баррасӣ гаштааст. Ҳамчунин робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, самт ва объекти таҳқиқ, асосҳои назариявӣ ва методологии он, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои асосии ба дифоъ пешниҳодшаванда, аҳаммияти илмию амалии пажуҳиш зикр гардида, роҷеъ ба дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои кор, мутобиқати мавзуъ бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишороти муаллиф ва сохтори диссертатсия маълумот дода шудааст.

**Боби якуми диссертатсия «Таҳлили муқоисавии истилоҳоти овошиносии забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ»** ном дошта, аз чор фасл иборат аст. Дар фаслҳои боби мазкур, аввал, мафҳуми истилоҳ аз ҷониби забоншиносони дохиливу хориҷӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, баъдан, истилоҳоти мансуби

овошиносии забонҳои муқоисашаванда аз нигоҳи сохтор ба якҷузъаву бисёрҷузъа дастаабандӣ шудаанд.

Дар боби дуюми диссертатсия - **«Таҳлили сохторию маънои истилоҳоти мансуб ба сарф дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ»** муаллиф хусусиятҳои сохториву маънои истилоҳоти сарфи забонҳои таҳқиқшавандро баррасӣ кардааст. Илова бар ин, сермаъношавӣ, ҳамгуншавӣ, муродифшавӣ ва мутазодшавии истилоҳоти забоншиносӣ низ дар ҳамин боб таҳлилу муқоиса мегардад.

Таҳлили луғавию маънои истилоҳоти мансуб ба наҳв дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ дар боби сеюми диссертатсия таҳқиқ мешавад. Дар ин боб, муаллиф нахуст ҷойгоҳи истилоҳи мансуб ба наҳвро дар забонҳои муқоисашаванда муайян намуда, пасон, нақши вомвожаҳои наҳвиро дар ташаккулу такомули низоми истилоҳоти забоншиносӣ баррасӣ менамояд.

Ҳар як боби рисола бо хулосаҳои мушаххаси ҷамъбаст гардидаанд, ки ҳамагӣ асосноканд.

Дар баробари дастовардҳои муҳим рисола ва фишурда аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест:

1. Дар баъзе аз саҳифаҳои рисола миқдори зиёди мисолҳо оварда шудааст (саҳ. 82-83, 91-92). Хуб мешуд, ки миқдори мисолҳо кам мегардид.
2. Дар баъзе аз саҳифаҳои рисола (34, 45, 76….) ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ ба чашм мерасад.

Бояд қайд кард, эродҳои овардашуда ба арзиши илмии рисола таъсири манфӣ нахоҳад расонид, зеро он дар сатҳи хуби касбӣ таҳия гардида, масъалаҳои мавриди назар ҳалли худро ёфтаанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Нурова Зведамо Сафаровна кори баанҷомрасида ва мувофиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълифгардида буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20.– Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

Муқарриз:
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи филологияи англисии
Донишгоҳи славянии Россия
ва Тоҷикистон Саъдиева Гулистон Фатоевна

Имзои Г.Ф. Саъдиеваро тасдиқ менамоям
Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи
славянии Россия ва Тоҷикистон Раҳимов Абдуҳамит Абдибосирович

Суроға: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30
Тел.: (+992 37) 221 35 50
E-Mail: trsu-1996@mail.ru
22 январи соли 2024